«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
________________
«_10_» _05_ ________________ 20_24_с.

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсия дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович, соли таваллуд 28.02.1995, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2018 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2018 идомаи таҳсилро дар зинаи магистратура давом дода, онро соли 2020 аз рӯи ихтисоси андоз ва андозбандӣ дар факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хатм кардааст. Аз соли 2020 ҳамчун докторанти доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, шуъбаи рӯзонаи факултети молиявию иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 25.08.2023 таҳти №260-05 доктарантураи Донишгоҳро хатм кардааст (маълумотномаи №03/75-04 аз «15» 03 соли 2024)

Дар рафти иҷрои диссертатсия Раҷабов Т.С. докторанти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)-и кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Имтиҳонҳои хатмро бо баҳои аъло дар соли 2023 супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:** Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар маҷлиси муштараки кафедраҳои «Молия ва суғурта» ва «Андоз ва андозбандӣ» -и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 08 майи соли 2024 бо суратҷаласаи №10/1 муҳокима гардид.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосир дар чорчӯбаи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар ба марҳилаи нави рушд ворид

мегардад. Чунин иқдом вазифадор мекунад, ки ислоҳоти иқтисодӣ ва тағйироти институтсионалие (ниҳодие), ки боиси такмили қонунгузории соҳаҳои дахлдор, аз ҷумла, дар низоми андоз ва андозбандӣ мегарданд, идома дода шаванд. Бо ин мақсад Ҳукумати ҷумҳурӣ барномаи миёнамуҳлати рушд ва мутобиқсозии иқтисоди кишварро ба шароиту марҳилаҳои нави рушдро таҳия намудааст.

Масъалаи таъсири андоз ба иқтисодиёт ва рушди он дар шароити муосир, хусусан дар ҳимояи иқтисоди миллӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, танзими иқтисодҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хело ҳассос гардида истодааст. Инчунин танзими андозҳо барои баланд шудани нархҳо, хеле нақши зиёд дорад ва айни замон, ки муаммоҳои таваррум ба иқтисоди миллӣ таҳдид доранд, ба ҳисоб нагирифтани саҳми онҳо, ҳангоми таҳлили болоравии нархҳо, боиси зиёд гардидани таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ (гаронии андоз) ва дар маҷмӯъ ба иқтисод мегардад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, мавзуи интихобгардида, хело мубрам ва таҳлили он саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори илмӣ дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 15 ноябри соли 2012, № 1), Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 (аз 31 октябри соли 2018, № 519), Консепсияҳои иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 декабри соли 2019, №642), Барномаҳои рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 (аз 30 декабри соли 2019, №643), Нақшаи тадқиқотии кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 амалӣ карда шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва исботи методологии ташаккули пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ оид ба масъалаҳои танзими гаронии андоз дар сатҳи макро ва микроиқтисодӣ, инчунин таҳқиқи таъсири гаронии андоз ба фаъолияти субъектони иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Ҳадафи гузошташудаи кори диссертатсионӣ зарурати ҳалли вазифаҳои асосии зеринро тақозо мекунад:

–таҳаввулоти назариявии гаронии андозро омӯхта, нуктаи назари муаллиф роҷеъ ба танзими гаронии андоз муайян карда шавад;

– бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои ҳисоб кардани гаронии андоз омӯхта шавад, методикаи муаллифии ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод гардад;

–таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон дар масъалаҳои танзими гаронии андоз мавриди таҳлил қарор дода шавад ва тавсияи татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ монда шавад;

–танзими гаронии андозро аз нуқтаи назари муносибатҳои институтсионалӣ ошкор намуда ва нақши субъектони муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ дар танзими гаронии андоз баён гардад;

– ҳолати сатҳи гарониии андозро дар ҷумҳурӣ муайян карда шавад ва роҳҳои коҳишдиҳии он пешниҳод гардад;

– модели эконометрикии дурнамои даромадҳои андозӣ, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гарониии андоз ба сари андозсупорандагон ва додани тавсияҳо оид ба коҳиш додани сатҳи гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия карда шавад.

**Объекти таҳқиқот.** Низоми амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки вобаста ба самтҳои танзими гаронии андоз дар шароити иқтисодиёти кишвар, мебояд роҳҳоеро ба монанди истифодаи имтиёзҳои самараноки андоз ва тартиби дурусти банақшагирии андозро таҳрези намоем, ки баҳри ҳавасмандгардонии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва баланд бардоштани сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар, равона гардад, зеро ки суботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии кишвар аз сатҳи эътидоли гаронии андоз вобастагӣ дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** аз осори классикон, намояндагони равияҳои гуногуни назарияи иқтисодӣ, инчунин асарҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ, мақолаҳо, ҳисоботҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ ва ғайра иборат аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методи диалектикии идрок ташкил медиҳад, ки имкониятҳои омӯзиши падидаҳои иқтисодиро дар ҳоли инкишоф, вобастагӣ ва робитаи мутақобила фароҳам меоварад. Муносибати бонизом ба мавзуи таҳқиқот бо ёрии методҳо ва равишҳои илмӣ: таҷриди илмӣ, таҳлилу хулоса, эконометрика, тасвирҳои графикӣ, гурӯҳбандӣ, муқоиса ва амсоли инҳо амалӣ гардонида шудааст.

***Иштироки шахсии докторант, доктор фалсафа (PhD) дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсияи пешниҳод кардааст.*** Диссертатсия натиҷаи тадқиқоти шахсии докторанти (PhD) ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқот санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи Вазорати рушди иқтисод ва

савдо ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон истифода шуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2020-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии консепсияи танзими андозӣ ва коркардҳои методӣ оид ба самтҳои асосии такмили механизми танзими гаронии андоз дар иқтисодиёт оид ба рушди иқтисоди милливу истеҳсолоти ватанӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, аз инҳо иборатанд:

1. Дар асоси омӯзиши таҳаввулоти назариявии гаронии андозҳо маълум гардид, ки нисбати истилоҳи мазкур назари ягона вуҷуд надорад. Таърифи муаллиф ин аст, ки гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун нишондиҳандаи нисбӣ ҳисоб карда мешавад, ки ҳиссаи андозҳои ҳисобшударо дар даромади умумӣ тавсиф мекунад;
2. Бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои ҳисоб кардани гаронии андозро омухта, методикаи муалифии худро барои ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод намудем, ки ҳолати воқеии ҳисоб намудани гаронии андозро то дараҷаи муайян инъикос менамояд;
3. Таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ аз нуқтаи назари танзими гаронии андоз таҳлил карда, механизмҳо ва воситаҳои нави муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз муайян карда шуда, истифодаи таҷрибаи Федератсияи Россияро дар муносиб гардонидани он ба низоми миллии андоз мебояд ба таври васеъ истифода бурд;
4. Масъалаҳои танзими гаронии андоз аз нуқтаи назари муносибатҳои институтсионалӣ муайян гардидааст, ки мақомоти андози ҶТ ҳамчун мақоми ваколатдор, баҳри назорати воридотҳои андозӣ ба буҷет ба ҳисоб рафта, якчанд маротиба ислоҳотҳои андозиро баҳри коҳиш ва муътадил нигоҳ доштани гаронии андоз гузаронидааст;
5. Ҳолати сатҳи гарониии андозро дар ҷумҳурӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст ва яке аз роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андозро дар имтиёзҳои андозии хусусияти и́нфиродидоштае мебинем, ки сатҳи гаронии андозро ба эътидол медароранд ва шахсро аз пардохт кардани андоз қисман ва ё пурра озод менамоянд;
6. Модели эконометрикии коэффитсиентҳои таносуби ҷуфтшуда таҳия шудааст, ки таъсири даромадҳои андозро аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, дурнамои даромадҳои андоз, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гарониии андоз ба сари андозсупорандагон таҳия шудааст ва барои танзими гаронии андоз дар ҶТ тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба масъалаҳои танзими гаронии андозро дар низоми андози кишвар

фаро гирифтааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он заминаи назариявию методологии таҳияи механизми самаранокии танзими гаронии андозро дар иқтисоди миллӣ густаришу такмил медиҳанд. Тавсияҳои амалӣ, роҳҳои методии дар диссертатсия дарҷёфтаро ҳангоми таҳлил ва қабулкунии қарорҳои танзимнамоӣ оид ба коҳиш додани сатҳи гаронии андози кишвар дар рушди иқтисоди миллӣ ва фароҳам овардани замина барои зиёдшавии шумораи андозсупорандагон истифода бурдан мумкин аст.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович - «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович 14 мақолаи илмӣ бо ҳаҷмӣ 9,8 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 5 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаи илмии диссертатсия ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ, инчунин дар татбиқи барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи №7416/11.1. аз «16» 05 соли 2023) инчунин ҳангоми тадрис дар раванди таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маълумотномаи №384/дс аз «10» 05 соли 2023) аз фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Маъмурикуннии андоз», «Ҳисоботи молиявии андоз», «Назорати андозӣ» ва «Андозбандии мамлакатҳои хориҷӣ» татбиқ мешавад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф асосҳои танзими андозии иқтисодиётро омӯхта, масъалаҳои танзими гаронии андозро коркард ва дурнамои рушди муносибатҳои андозиро таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

## РУЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДАИ РАҶАБОВ ТОҶИДДИН САНГИМАТОВИЧ

***А. Интишорот дар нашриёҳои ба Рӯйхати маҷаллаҳо ва нашриёҳои илмии тақризии тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда***


1. Раҷабов Т.С. Таҳаввулоти назариявии гаронии андоз / Т. С. Раҷабов, И. Р. Иброҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №2(31). – С. 27-35.
2. Раҷабов, Т. С. Асосҳои методии идоракунии механизмҳои самаранокии гаронии андоз / Т. С. Раҷабов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – №1-1(107). – С. 295-304.
3. Раҷабов Т.С. Таҷрибаҳои хориҷии идоранамоии гаронии андоз/ С.Т. Раҷабов, Р.И. Иброҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №6. – С. 5-14.
4. Раҷабов Т. С. Асосҳои институтсионалии идоранамоии гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т. С. Раҷабов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – №4(84). – С. 242-255.
5. Раҷабов Т.С. Мушкилоти танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т. С. Раҷабов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4-3(65). – С. 184-193.


***Б. Мақолаҳо дар дигар нашриёҳо:***


6. Раҷабов Т.С. Асосҳои назариявии воридоти андозҳои мустақим ва ғайримустақим/ С.Т. Раҷабов//Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Иқтисоди рақамӣ ва зарурияти ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобҳои миллӣ” Душанбе, 17.02.2021. – С. 296-301.
7. Раджабов Т. С. Налоговая бремя в рыночной экономике / Т.С. Раджабов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства : Сборник научных трудов, Симферополь, 02 апреля 2021 года / Под общей редакцией З.О. Адамановой. Том Выпуск 7. – Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2021. – С. 567-569.
8.Раджабов Т.С. Таҷрибаи идоракуни ва усулҳои́ нави хоҷагидории ҷумҳурии мардумии чин ва имконияти истифодаи он дар таъмини рушди минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар/ Т.С. Раджабов, Эраҷи Д, Н.М. Ҷураева, Ф.И. Исматов// Материалы IV Международной научно-практической конференции «Наука и технологии» Алматы 2022. – С. 261-266.
9. Раджабов Т.С. Налоговое бремя на финансово-хозяйственную Деятельность предприятия/ Т.С. Раджабов// Научный сборник <<ИнтерКонф>>, (108): Материалы 5-й Международной научно – практической конференции на тему “Эксперементальные и теоретические исследования в современной науке” Кишинев, Молдова, 2022. – С. 35-42.
10. Раджабов Т.С. Цифровых зарубежны опыт и внедрения технологий в систему налогообложения/ Т.С. Раджабов, Дж.Ф. Касирова, С.М. Курбонова, Э. Дилнавоз// Научное сообщество: междисциплинарные исследования, (110): Материалы 5-й Международной научно – практической конференции на тему

“Эксперементальные и теоретические исследования в современной науке” Германия – 2022. – С. 61-67.
11. Раджабов Т. С. Уровень налоговое бремя на пример подоходного налога для юридических лиц в иностранных странах / Т. С. Раджабов // Экономика, финансы, учет, анализ и аудит: стратегические приоритеты развития в условиях цифровой экономики: материалы международной научно-практической конференции посвященной 80-летию Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан, доктора экономических наук, профессора Уракова Д.У, Душамбе, 21–23 мая 2022 года. – Душамбе: Таджикский национальный университет, 2022. – С. 351-355.
12. Раджабов Т. С. Налоговая система Республики Таджикистан: эффективность налоговых поступлений в государственный бюджет после принятия нового Налогового кодекса / Т. С. Раджабов, А. Ф. Исматов, Д. Эраджи // Новые вызовы новой науки: опыт теоретического и эмпирического анализа : Сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 13 февраля 2023 года. – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. – С. 15-19.
13. Раджабов Т. С. Налогововая бремя производственного предприятия: методика определения / Т. С. Раджабов // Экономическая безопасность национальной экономики: возможности развития и вопросы цифровой экономики : Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 31 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 307-313.
14. Раҷабов Т. С. Моҳият ва аҳамияти низоми андоз, мафҳуми гаронии андоз / Т. С. Раҷабов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо», Душанбе, 30 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 314-319.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ҷаласаи муштараки Кафедраи молия ва суғурта ва андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.
2. Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 20 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 20 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 3 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

-“тарафдор” – 20 нафар

- “зид” – нест

- бетараф” - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Молия ва суғурта» ва «Андоз ва андозбандӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2024, суратмаҷлиси №10/1 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбанди ДМТ** — **Гулов Ш.М.**

**Мудири кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ, н.и.и., дотсент** — **Ҳусайнов М.Н.**

**Котиб:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ** — **Давлатов Н.А.**

*Имзоҳои, Гулов Ш.М., Ҳусайнов М.Н., Давлатов Н - ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** — **Тавқиев Э.Ш.**

«08» 05
2024 с.